# ХУЛОСАИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 18-уми феврали соли 2021, № 23**

Барои сазовор донистани Бозорзода Нуриддин Шодипур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи "Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, **рӯзи 12 ноябри соли 2020 (қарори №14** аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, №61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Бозорзода Нуриддин Шодипур, соли таваллудаш 1962, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон ба ҳайси дотсенти кафедраи матбуоти факултети журналистикаи ДМТ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор **Абдуллозода Масрур Аҳмад.**

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Хоҷазод Саидмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

**Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони МДТ ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Комилов Каримбой Исломович, ки бо имзо ва аз ҷониби ректори он профессор Ҷӯразода Ҳ.Ҷ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи

Бозорзода Нуриддин Шодипур “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)” аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ хеле мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик бахшида шудааст.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст ва бо навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистика ва публитсистикашиносии тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия 45 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**
**Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-М] Бозоров, Н.Ш. Иртиботи фарҳангӣ дар сафарномаҳои замони Шӯравӣ / Н.Ш. Бозоров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2012. – № 4. – С. 96-103.

[2-М] Бозоров, Н.Ш. Саҳми Гулшанӣ дар инкишофи жанри сафарнома / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2012. – № 4/6 (97). – С. 270-275.

[3-М] Бозоров, Н.Ш. Мавқеи муаллиф дар сафарнома / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2013. – № 4/1 (105). – С. 242-248.

[4-М] Бозоров, Н.Ш. Шерози далнавоз (Назаре ба сафарномаҳои Ибод Файзуллоев) / Н.Ш. Бозоров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – № 4. – С. 156-160.

[5-М] Бозоров, Н.Ш. Истиқлолият ва имкониятҳои жанри сафарнома / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2013. – № 4/3 (113). – С. 263-270.

[6-М] Бозоров, Н.Ш. Таассуроти сафари мондагор ё бисту ду соат дар Шероз / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2013. – № 4/4 (116). – С. 269-274.

[7-М] Бозоров, Н.Ш. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои сафарномаи А.Мирзоев «Соате чанд дар Исфаҳон» / Н.Ш. Бозоров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – № 6. – С. 94-99.

[8-М] Бозоров, Н.Ш. Мақоми сафарнома дар матбуоти тоҷик (2013) / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – № 4/1 (159). – С. 286-289.

[9-М] Бозоров, Н.Ш. «Савонеҳ-ул-масолик…» ҳамчун сафарнома / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/2 (159). – С. 286-290.

[10-М] Бозоров, Н.Ш. Маорифпарварони сафарноманигор / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/4. – С. 292-297.

[11-М] Бозоров, Н.Ш. «Сафарнома»-и Низории Қаҳистонӣ яке аз аввалин заминаҳои сафарномаҳои назмӣ / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/5. – С. 270-273.

[12-М] Бозоров, Н.Ш. Жанри сафарнома дар осори маорифпарварони тоҷик / Н.Ш. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/6. – С. 272-277.

[13-М] Бозорзода, Н.Ш. Таҳлили таносубии мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо / Н.Ш. Бозорзода // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд. – 2020. – № 1 (62). – С. 129-136.

[14-М] Бозорзода, Н.Ш. «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ – нахустин сарчашмаи сафарномаҳои публитсистӣ / Н.Ш.

Бозорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 2 (85). – С. 286-291.

[15-М] Бозорзода, Н.Ш. Нигоҳи хориҷиён ба воқеияти Тоҷикистон (дар мисоли сафарномаҳо) / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 3 (86). – С. 143-150.

[16-М] Бозорзода, Н.Ш. Бозтоби ҳаёти хориҷӣ дар сафарнома / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 5. – С. 279-285.

[17-М] Бозорзода, Н.Ш. Воқеияти Тоҷикистон аз нигоҳи публитсистони тоҷик (дар мисоли сафарномаҳои матбуотӣ) / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 6. – С. 280-284.

[18-М] Бозорзода, Н.Ш. Таносуби воқеият ва бадеият дар сафарнома (дар мисоли сафарномаҳои матбуотӣ) / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 7. – С. 291-295.

[19-М] Бозорзода, Н.Ш. Заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома дар замони истиқлолият / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 8. С. 286-292.

**Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар:**

[20-М] Бозоров, Н.Ш. Роҳи дилҳо / Н.Ш. Бозоров // Гули мурод. – Душанбе, 1999. – №1-6 (7). – С. 68-74.

[21-М] Бозоров, Н.Ш. Аҳамияти маърифатии сафарномаҳои Ҷалол Икромӣ / Н.Ш. Бозоров // Адаб. – Душанбе, 2000. – № 1. – С. 8-10.

[22-М] Бозоров, Н.Ш. Сафарнома дар эҷодиёти Айнӣ / Н.Ш. Бозоров // Шоҳроҳи ваҳдат. – Душанбе, 2000. – № 11. – С. 59-63.

[23-М] Бозоров, Н.Ш. Айнӣ аз нигоҳи Брагинский ё оиди ду танбеҳи бамаврид / Н.Ш. Бозоров / Ҷашнвораи устод Айнӣ. – Қ. 1. – Душанбе, 2000. – С. 28-30.

[24-М] Бозоров, Н.Ш. Сафарнома – инъикосгари воқеият / Н.Ш. Бозоров // Тоҷикистон. – Душанбе, 2000. – № 4-6. – С. 27.

[25-М] Бозоров, Н.Ш. Олам дидан, одам дидан аст / Н.Ш. Бозоров // Адаб. – 2002. – № 1.

[26-М] Бозоров, Н.Ш. Масъалаи обу ободонӣ дар «Сафарнома»-и Н. Хусрав / Н.Ш. Бозоров // Маводи конференсияи илмӣ-эҷодии устодону донишҷӯён бахшида ба Соли байналмилалии оби тоза. – Душанбе, 2003. – С. 215-217.

[27-М] Бозоров, Н.Ш. Саҳми Айнӣ дар инкишофи жанри сафарнома / Н.Ш. Бозоров / Устод Айнӣ ва асолати забон. – Душанбе, 2003. – С. 73-80.

[28-М] Бозоров, Н.Ш. Нақши муаллиф дар сафарнома / Н.Ш. Бозоров / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 80-солагии ш. Душанбе. – Душанбе, 2004. – С. 63.

[29-М] Бозоров, Н.Ш. Моҳияти факт дар публитсистика / Н.Ш. Бозоров / Боли сухан (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2004. – С. 29-35.

[30-М] Бозорзода, Н.Ш. Душанбешаҳр дар инъикоси сафарномаҳо / Н.Ш. Бозорзода / Душанбе дар масири таърих (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2005. – С. 106-117.

[31-М] Бозорзода, Н.Ш. Муносибати муаллиф ба рӯйдод ва факт / Н.Ш. Бозорзода / Истиқлолият ва журналистикаи муосир (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2006. – С. 42-50.

[32-М] Бозоров, Н.Ш. Сафарнома дар матбуот / Н.Ш. Бозоров / Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009. – С. 89-93.

[33-М] Бозоров, Н.Ш. Ҳисори шодмон дар «Сафарнома»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ / Н.Ш. Бозоров // Рӯдакӣ. – 2010. – №4. – С. 30-44.

[34-М] Бозоров, Н.Ш. Нигоҳе ба сафарномаҳои матбуоти муосир / Н.Ш. Бозоров / Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2011. – С. 159-164.

[35-М] Бозоров, Н.Ш. Вазъи муҳоҷирати меҳнатии тоҷик дар Ҷумҳурии Қазоқистон (тибқи маълумоти сафарномаҳои муосир) / Н.Ш. Бозоров / Актуальные проблемы журналистики (Материалы Международной научно-практической конференции “Проблемы формирования и медиополитики” в странах СНГ 28 ноября 2011 года). – Душанбе, 2012. – С. 61-69.

[36-М] Бозоров, Н.Ш. Эрони бостон аз нигоҳи тоҷикон / Н.Ш. Бозоров / Журналистика ва замони муосир (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). Барориши 1. – Душанбе, 2013. – С. 36-54.

[37-М] Бозоров, Н.Ш. Ҳисори шодмон дар сафарномаҳои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ / Н.Ш. Бозоров / Нақши Ҳисор дар тамаддуни Шарқ (Маводи конфронси байналмилалӣ бахшида ба 3000-солагии Ҳисор. 27-28 январи соли 2015). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 20-28.

[38-М] Бозоров, Н.Ш. Сафаргуфтаҳо инъикосгари воқеият / Н.Ш. Бозоров / Ҳисори шодмон дар масири таърих (Маҷмӯаи мақолаҳо). –

Душанбе, 2015. – 200 с.

[39-М] Бозорзода, Н.Ш. Саҳми маорифпарварони тоҷик дар инкишофи жанри сафарнома / Н.Ш. Бозорзода / Неҳзати бедорӣ (Маводи конференсияи байналмилалии “Ҷараёни маорифпарварӣ ва масъалаҳои ҷаҳони муосир”). – Душанбе, 2016. – С. 89-110.

[40-М] Бозоров, Н.Ш. Таҳаввули сохтори редаксияи матбуоти даврӣ дар замони истиқлол / Н.Ш. Бозоров / Журналистика ва замони муосир (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). Барориши 2. – Душанбе, 2016. – С. 29-33.

[41-М] Бозоров, Н.Ш. Инъикоси дастовардҳои беназири Тоҷикистони соҳибистиқлол дар сафарномаҳои муосир / Н.Ш. Бозоров / Нақши муҳаққиқони таърихи ватан дар рушди илму фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2016. – С. 149-161.

[42-М] Бозоров, Н.Ш. Инъикоси вазъи Ҳисори Шодмон дар “Таърихи Ҳумоюн”-и Гулшанӣ / Н.Ш. Бозоров // Пайванд. – 2016. – № 1. – С. 106-112.

[43-М] Бозоров, Н.Ш. Аввалин сафарноманигори замони нав / Н.Ш. Бозоров / Журналистика ва замони муосир (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 79-85.

[44-М] Бозоров, Н.Ш. Айнӣ – поягузори сафарномаҳои муосир / Н.Ш. Бозоров / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии “Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ”. Ба муносибати 140-солагии устод Садриддин Айнӣ (13 апрели соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 57-62.

[45-М] Бозорзода, Н.Ш. Чанд андеша перомуни ду сафарномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев / Н.Ш. Бозорзода // Ҷустуҷӯҳои адабӣ (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 118-127.

**3. Асарҳои дигар**

**а) Рисолаҳои илмӣ:**

[1-М] Бозоров, Н.Ш. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (Васоити таълимӣ) / Н.Ш. Бозоров. – Душанбе, 2014. – 184 с.

[2-М] Бозорзода, Н.Ш. Сафарноманигорӣ воқеиятнигорист (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ) / Н.Ш. Бозорзода. – Душанбе, 2018. – 320 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

Мудири кафедраи матбуоти чопӣ ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шариф Боқиевич Муллоев чунин эродҳоро зикр кардаанд:

1. Дар фишурдаи рисолаи илмӣ пажӯҳишҳои на ҳама олимони соҳа ба назар гирифта шудаанд.

2. Дар фишурда пажӯҳишҳои арзишманди муҳаққиқони ватанӣ оид ба публитсистика арзёбӣ нашудаанд.

3. Дар рисола хулосаҳои мантиқӣ дар охири бобҳо ва зербобҳо бояд васеътар нишон дода шаванд.

Профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ Абдусамад Муллоев зикр мекунад, ки диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи "Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика" дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, бойгониву илмӣ ва захираҳои интернетӣ асоснок шуда, бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назарию амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Сарходими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа Беков Комилҷон дар тақризи хеш зикр мекунад, ки дар фишурдаи рисола ҷо-ҷо иштибоҳоти ҷузъии техникӣ ба чашм мехӯрад.

Муҳтавои фасли дуюми боби дуюм "Анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX" (саҳ. 27) дар автореферат нисбатан мухтасар баён шудааст. Сарчашмаҳои ҳамзабонон – Афғонистон ва Эрон ба чашм намехӯрад. Асари муҳаққиқи маъруфи муосири Эрон оғои Ғуломризои Инсофпур бо номи "Эрон ва эронӣ" дар 400 саҳифа, ки соли 1978 дар Теҳрон мунташир шудааст ва муаллиф дар он 100 сафарномаи шахсиятҳои урупоиро, ки аз Эрон дидан кардаанд, ҷамъоварӣ намудааст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ Вафо Элбоев ба автореферати диссертатсия тақризи мусбат навишта, зикр кардааст, ки автореферат аз нигоҳи методологияи илмӣ, банду басти проблемаҳо ва роҳҳои таҳқиқи он ба равиши хуб ва забони фасеҳи илмӣ нигошта шудааст. Маводи зиёди сафарномаҳои мухталиф, ки таҳқиқи хуби илмӣ шудаанд, аз вуқуфи комили унвонҷӯ аз мавзӯи матраҳшаванда дарак медиҳад. Баҳсу мунозираҳои муаллиф бо донишмандони назариядони классикӣ ва муосир роҷеъ ба вежагиҳои жанрӣ ва ҷойгоҳу мақоми ин жанри адабӣ назаррасанд. Хулосаҳои муаллифи автореферат аз таҳқиқи мавзӯъ дар бист банди мушаххас баёнгари андешаи фароҳи ӯ аз таҳқиқи илмии мавзӯъ аст.

Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъа Ҳамроҳ дар тақризи хеш ба зиёд будани маводи таҳлил ишора намуда, кам кардани миқдори онҳоро ба амиқрафти таҳлил созгор медонад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки мавзӯи мазкур аз ҷониби Бозорзода Нуриддин Шодипур дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал **коркард карда шудааст**.

Сафарнома дар адабиёти тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Шоирону нависандагони форсу тоҷик аз замони Носири Хусрави Қубодиёнӣ (асри XI) ва баъд аз ӯ низ асарҳое офаридаанд, ки онҳо маҳсули сафарҳо буданд. Ин гуна мавод аз кишварҳои гуногун, аз сафарҳои бо мақсадҳои мухталиф анҷомдодашуда иншо мегардиданд. Ҳаҷномаҳо, зиёратномаҳо ва ғайра аз ин зумраанд. Гуногунандешиҳо водор месозад, ки сафарнома ҳамчун жанри мустақил ба таҳқиқ кашида шавад.

Дар диссертатсия сафаронома дар доираи васеъ – бо фаро гирифтани ҷабҳаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар матбуоти даврии тоҷик, хусусан баъди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, жанри сафарнома хеле маъмул гардида, доираи истифодааш низ васеъ шуд. Истиқлолияти кишвар барои сафар ба кишварҳои хориҷӣ ва сайру саёҳат шароит ва имконоти созгорро фароҳам овард.

Дар диссертатсия муҳаққиқ ба донишҳои назариявии ҳангоми омӯзиш ба даст омада такя намуда, сафарномаро дар доираи маводи матбуоти даврии тоҷик ба таҳқиқи илмӣ кашидааст. Маҷаллаи «Садои Шарқ» дар таҳаввули жанри сафарнома нақши муҳим бозидааст, зеро адибон сафардидаҳои худро нахуст дар ин маҷалла нашр мекарданд. Баъдан, дар замони Истиқлолият ва рӯйи чоп омадани нашриҳои гуногун жанри сафарнома ҳам хеле инкишоф ёфт ва дар матбуоти даврии тоҷик мақоми хос касб намуд.

Дар пажӯҳиш на танҳо дар бораи сафарномаҳои адабиёти классикӣ ва нақши онҳо дар пайдоиш ва ташаккули жанри сафарнома сухан меравад, балки сафарномаҳои давраи нав ва замони истиқлолияти матбуоти даврии тоҷик низ омӯхта, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Табиист, ки сафарномаҳои адабиёти классикиро наомӯхта, махсусияти онҳоро мушаххас нанамуда, ба таҳқиқи комили сафарнома даст ёфтан аз имкон берун аст. Аз ҷиҳати дигар, сафарномаҳои адабиёти классикӣ заминаи ба вуҷуд омадани сафарномаҳои муосир гардидаанд. Омӯзиши

ҳаматарафаи жанри сафарнома бисёр баҳсҳо ва андешаҳои нодурустро дар бораи ин жанри куҳанбунёд аз байн хоҳад бурд.

Дар диссертатсия умдатарин масъалаҳо матраҳ гардидаанд. Зикр шудааст, ки асарҳои публитсистии замони гузашта дар ташаккули жанри сафарнома замина гузоштаанд. «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ яке аз аввалин заминаҳои боэътимоди жанри сафарнома маҳсуб меёбад. Муҳаққиқони русу тоҷик дар бораи жанри сафарнома андешаҳои гуногун баён намудаанд, вале ҳама бар он назаранд, ки жанри сафарнома вуҷуд дорад ва бори жанри мустақилро бар дӯш мебарад. Сафарнома ҳам ба мисли жанрҳои дигари публитсистика хусусиятҳои ба худ хос дорад ва дар радифи жанрҳои лавҳаву очерк дар гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ мавқеъ ишғол карда метавонад. Дар сафарнома мавқеи муаллиф ва вуҷуд доштани хатти ҳаракати сафар муҳим мебошад. Дар сафарнома муаллиф ҳатман аз ҷойе ба ҷойе сафар мекунад ва таассуроти сафари хешро бомаҳоратона инъикос менамояд. Сафарнома ҳам навъҳои хоса дорад, ки рӯзномаи сафар, қайдҳои сафар ва лавҳаи сафар аз ин зумраанд.

Анъанаи сафарноманависӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз ҷониби маорифпарварони тоҷик, чун Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ, Мирзо Сироҷ, Муҳаммад Гулшанӣ ва дигарон идома дода шудаанд. Ташаккули матбуоти даврии тоҷик дар замони шӯравӣ ба рушду нумуи сафарнома мусоидат кард. Аҳли зиё, хоссатан, адибону рӯзноманигорон, ба гӯшаву канорҳои мамлакат ва хориҷ аз он сафар намуда, аз диду боздидҳояшон сафарномаҳо навиштаанд. Таҳаввули воқеии сафарнома дар замони истиқлол ба вуҷуд омад. Дар ин давра агар, аз як тараф, робитаи Тоҷикистон бо кишварҳои олам густариш пайда карда бошад, аз ҷониби дигар, пешниҳод намудани таассуроти сафар аксар вақт дар шакли сафарнома сурат гирифтааст. Дар сафарноманигорӣ нақши асосиро муаллиф мебозад. Муаллиф бояд дониши васеъ, маҳорати баланд дошта бошад, урфу одати мардумро хуб донад, таассуроти сафарашро бо каломи рангин, воқеӣ пешкаши хонанда созад. Инҳо масъалаҳоеанд, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** дар диссертатсия аввалин маротиба жанри сафарнома ҳамчун жанри журналистика ба доираи таҳқиқ кашида шуда, хусусиятҳои жанрии он муайян мегардад. Таҳқиқоти мазкур дар пурраю мушаххас гардидани

системаи жанрҳои журналистикаи тоҷик мусоидат намуда, фазои холии жанрҳои журналистикаро **пурра месозад.**

Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия, услуби муайяни мавзӯъ дар ҷараёни таҳлилу баррасӣ осори илмиву назариявии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили В.Г. Белинский, Н.А. Добролюбов, Н.Г. Чернишевский, Д.И. Писарев, Е.Э. Бертелс, В.М. Горохов, В.Т. Афанасев, Е.П. Прохоров, А.А. Тертичний, В.В. Ученова, В.Я. Канторович, Д.Н. Логофет, Н.М. Маслова, В.А. Михелсон, Д. Молдавский, А.А. Савенков; осори муҳаққиқони тоҷик В. М. Асрорӣ, М. Шакурӣ, С. Ш. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Мирзозода, А. Абдуллоев, А. Мухторов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, Б. Камолиддинов, Х. Асозода, Т. Неъматзода, У. Каримов, П. Гулмуродзода, М. Абдуллозода, М. Муродов, Ҷ. Саъдуллоев, Ш. Муллоев, А. Азимов, М. Муқимов, С. Гулов ва дигар олимони маъруф **омӯхта шудааст.**

Дар омӯзиш ва таҳқиқи сафарнома аз усулҳои таърихият, дарки маърифат, тасаввуроти бонизом дар бораи мавзӯъ ва ҳадафи таҳқиқ, махсусияти рӯзноманигории тоҷик, меъёрҳои касбӣ, таҳия ва коркарди матн, жанр, муқоиса ва ғайра истифода шудааст. Мавзӯи дар ҳамбастагӣ ва алоқамандӣ бо равандҳои иҷтимоию таърихӣ, иҷтимоию сиёсӣ, назарию касбӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ, хоссатан таърихнигорӣ, адабиётшиносӣ, публитсистикашиносӣ, иҷтимоиёт, сиёсатшиносӣ ва ғайра таҳлилу таҳқиқ гардида, ҳангоми таълифи диссертатсия усулҳои таҳқиқи таърихнигорӣ, шарҳу тафсири илмӣ, муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ **истифода шудаанд.**

**Исбот шудааст,** ки сафарнома ҳамчун жанри журналистика аз дарозои таърих сарчашма мегирад, хусусиятҳои жанрӣ ва навъҳои мушаххас дорад, дар замони шӯравӣ ташаккул ёфта, дар даврони Истиқлолият рушду нумуъ кардааст ва ҳоло дар радифи жанрҳои дигари журналистика мавриди истифода қарор дорад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ ҷанбаҳои амалии журналистика ва публитсистикашиносии тоҷикро дар таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба жанрҳои журналистика қувват бахшида, вижагиҳои инъикоси сафарномаро дар матбуоти даврии муосири тоҷик баён мекунад. Ҳамчунин, маводи диссертатсия ва хулосаҳои бадастовардаро ҳангоми навиштани мақола, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ,

гузаронидани курсҳои таълимии ихтисосӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Ғоя** дар асоси таҷриба ва асарҳои илмию бунёдии муҳаққиқони маъруф М. Абдуллозода, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. К. Усмонов, Р. Мусулмониён, М. Муродов, А. Азимов, Ш. Муллоев ва дигарон истифода шудааст.

Вижагиҳои инъикоси сафарнома дар матбуоти даврии тоҷик бо назардошти ҷанбаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалӣ **муайян шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ муддати ду даҳсола дар баробари фаъолиятҳои зиёди корӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии маводи нашрияҳои даврӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои зиёди илмӣ ва публитсистӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Дар ҷаласаи 18.02.2021 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ қарори сазовор донистани Бозорзода Нуриддин Шодипур ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 19 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 19 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор 19 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ. Ҷ.